Раҳо кун он чиро, ки туро ба шубҳа меандозад ва бигир он чиро, ки туро ба шубҳа намеандозад [зеро дар ростӣ оромиши хотир аст ва дар дурӯғ шакку шубҳа аст]

Аз Абумуҳаммад, Ҳасан ибни Алӣ ибни Абутолиб, набераи Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) ва наваи дӯстдоштаи ӯ ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар ёд дорам, ки фармуд: "Раҳо кун он чиро, ки туро ба шубҳа меандозад ва бигир он чиро, ки туро ба шубҳа намеандозад [зеро дар ростӣ оромиши хотир аст ва дар дурӯғ шакку шубҳа аст]".

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي والنسائي]

Паёмбари Худо (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) амр фармуданд, ки инсон бояд чизеро, ки дар ҳалол ё ҳаром буданаш шакку шубҳа дорад, аз гуфтор ё кирдор, тарк кунад ва ба он чи ки шак надорад ва аз ҳалол буданаш мутмаин аст, рӯй оварад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/66519